# ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Пешрафти ҷомеаи башарӣ ва тағйироти куллии дар ҷаҳони имрӯза рӯйдиҳанда, мо маорифчиёнро водор месозад, ки барои дастовардҳои бузурги илмию техникии ҷаҳонро аз худ намудан масъалаи касбомӯзии ҷавононро пайгирӣ намоем.

Бо мақсади заминагузорӣ ба марҳилаи нави омодасозӣ ва такмили системаи тайёр намудани кадрҳои ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ бо назардошти вазъи имрӯза, мебояд, ки муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси равоншиносӣ таъмин бошанд. Зеро муайян кардани майл ва рағбати хонанда ба ин ё он касб аз ҷониби равоншиносӣ муассисаи таълимӣ самаранок иҷро гардида, ҷиҳатиба роҳ мондани ҳамкорӣ бо падару модарон дар самти муайян кардани шуғли дӯстдоштаи хонанда мусоидат менамояд.

Бо назардошти ба инобат гирифтани шавқу рағбати хонанда ба ин ё шуғлу касб падару модар метавонанд илоҷи воқеаро пеш аз вуқуъ пайгирӣ намуда, онҳоро ба курсҳои омӯзишӣ ва машғулиятҳои иловагии маҳфилҳои амалкунандаи муассисаҳои таълимӣ сафарбар созанд.

Ҷиҳати дуруст муайян кардани шавқу рағбати наврасон ба ин ё он касб омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳамкорӣ бо аъзоёни оила дар ҷараёни омӯзиш қобилият ва малакаи хонандагонро ба ихтисосҳои ба бозори меҳнат мувофиқ равона созанд.

Масъалаи тарбияи иҷтимоии хонандагони синфҳои болоӣ ва омода намудани онҳо ба интихоби касб дар доираи масъалаҳои муҳим шуморида шуда, паҳлуҳои умумӣ ва назариявии нақш ва аҳамияти тарбияи меҳнатии инсонро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, тарбияи фарзандони бомаърифату соҳибмаълумот, ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номус вазифаи муҳимму муқаддаси оила ва муассисаҳои таълимӣ дониста шудааст.

Мусаллам аст, ки масъалаҳои оилавӣ масъалаҳои ифшокунанда набуда, ҳар як оила қонун ва қоидаҳои дохилиоилавӣ худро доранд ва шахсони беруна наметавонанд ба он дахолат карда бошанд. Бинобар ин бештари ихтисосҳое, ки ҷавонон таҳсил мекунанд бо хоҳиш ва роҳнамоии бузургони оила сурат гирифтааст, ки оқибатҳои ногуворро бештар касб мекунад.

Дар ягон ҳолат падару модар ба фарзанд пешомади бадро намхоҳад, аммо иқтидор, имконият, дониш, заковат ва тавоноии хонанда имкон намедиҳад, ки дар касби интихобкардаи падару модар ӯ муваффақ шуда бошад.

Имрӯз дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбомӯзӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯйи талаботи замон ва бозори меҳнат дар ҳар семоҳа мониторинг ва

рейтинги дониши донишҷӯ гузаронида мешавад. Аз натиҷаи мониторингҳо муайян мегардад, ки дар замони муосир шумораи зиёди донишҷӯён дар ихтисосҳои мувофиқи завқ ва хоҳиши худ таҳсил карда истодаанд. Натиҷаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ низ дар муассисаҳои таълимии касбомӯзӣ аз натиҷаи омодагии мутахассиси оянда дарак дода метавонад.

Бинобар сабаби мушкилоти мавҷуда ва мубрамияти мавзуъ унвонҷӯ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи: «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» рисолаи илмӣ ба анҷом расонидааст.

Мавсуф самтҳои асоси тарбияи меҳнатӣ ва раҳнамоии касбӣ дар оила, мактаб ва муассисаҳои таълимиро пайгирӣ намуда, исбот кардааст, ки пешбурди ин фаъолият коллективизимро касб мекунад. Яъне ҷиҳати ноил гардадидан ба ҳадафҳои созанда ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ бояд ба як мақсад нигаронида шаванд.

Инчунин унвонҷӯ пешниҳод мекунад, ки барпо намудани сайру саёҳатҳо вабаста ба мавзуи интихоби касб (аз ҷумла сафар ба корхонаи истеҳсолӣ) дар мавзуи «Касбу кор ва меҳнати пурсамар инсонро шарафманд месозад» муколаммаҳои касбӣ, маҳфилҳои омӯзиши касбҳо, шабнишиниҳо бо иштироки соҳибкасбони шоиста, аз тариқи радио ва телевизион барпо намудани силсилаи барномаҳо дар бораи ҳаёти муассисаҳои таълимӣ, қоидаҳои дохил шудан, шароитҳои таълим ва ташкили истироҳату фароғат, барои хонандагон ва волидони онҳо, барномаҳои «Касби ман - Ифтихори ман», «Меҳнат-шараф аст», «Сарчашмаи касб», «Мехонем, орзу мекунем, мулоҳиза меронем», «Муосирон» ва ғайра хеле самараи хуб доданд.

Акмалова Малоҳат Абдуллоева бо максади аз байн бурдани камбудиҳо дар самти касбинтихобкунии наврасон роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии кори муштараки тамоили касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо ва литсейҳоро муайян намуда, самтҳои асосии таъсиррасони ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллеҷҳо, литсейҳои касбии техникӣ, оила ва ҷомеаи муосирро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, кор дар мавриди тарбияи меҳнатӣ ва раҳнамоии касбӣ дар оила, мактаб ва муассисаҳои таълимӣ як раванди дурудароз ва мураккаб аст. Ин фаъолият аз колективи педагогии мактаб заҳаматҳои зиёди эҷодиро талаб мекунад ва танҳо дар натиҷаи кори ҳадафнок ва пайваста бо волидон мактаб метавонад ба ҳалли мушкилоти тарбияи меҳнатӣ ва раҳнамоии касбӣ умед бандад, ки қисми таркибии тамоми раванди омӯзишӣ-тарбиявӣ мебошад.

Аз натиҷаи таҳқиқоти унвонҷӯ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна бар меояд, ки агар ҳангоми кори муштараки оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ махсусиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта шавад, ин ба рушди ҷисмонӣ ва қобилияти корӣ ва тоқатпазирии организми онҳо мусоидат мекунад. Кори ҷисмонӣ, ки навбат ба навбат бо дарсҳои омӯзишӣ мегузарад, ба инкишофи фикрии хонандагон

таъсири хуб мерасонад, чараёни омӯзиши дарсҳоро осон мекунад, донишҳо, малакаву маҳоратро ташаккул дода, дар раванди фаъолияти меҳнатӣ тафаккури техникӣ, амалӣ, эҳтимолии хонандагон рушд мекунад, дар онҳо салоҳиятҳои боинтизомӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, интихоби дурусти касб, мутобиқат ба шароити меҳнатӣ ва фаъолияти дурударози касбӣ-меҳнатӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамзамон Малоҳат Акмалова Абдуллоевна диссертатсияҳои ба анҷом расонидаи пажуҳишгарони замони муосирро ба ришта таҳлил кашида, онро ба дар қиёс ва мутобиқсози ба шароити Тоҷикистон масъалагузорӣ намудааст. Ичунин мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои тарбияи меҳнатии хонандагони муассисаҳои таълимиро муайян намуда, ташаккули сифатҳои ахлоқиву меҳнатӣ ва заминаҳои гузоштани таҳкурсӣ барои гузариш ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва меҳнати истеҳсолиро пайгирӣ намояд.

Дар асоси хулосаҳои зикршуда чунин мешуморем, ки кори рисолаи номзадии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи: «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» мувофиқ аст. Оид ба додани дараҷаи илмӣ асари илмию тахассусие мебошад, ки дар асоси анҷоми он муаллифи таҳқиқот асосҳои назарияв иро таҳия кардааст, ки маҷмуи онҳоро метавон ҳамчун дастоварди калони илмӣ арзёбӣ кард ва муаллифи он Акмалова Малоҳат Абдуллоевна, сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Шарифов Муҳсин Ғаффорович

**Маълумот барои тамос:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: 00333880; E-mail: sharifov63@inbox.ru

Имзои Шарифов Муҳсин Ғаффоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС